# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, (Душанбе, 2026. – 42 саҳ.).**

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи нави рушд ва эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд баробари эълон шудани Истиқлолияти давлатӣ оғоз бахшида, дар сатҳи конститутсионӣ асосҳои сохти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварро сифатан тағйир дод ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои ҳар шахсро ба мадди аввал гузошт.

Дар шароити муосир дар амалия шахсони аз ҷиноят зарардида, бинобар монеаҳои ҷойдошта ва муддати тӯлонӣ баррасӣ шудани парвандаҳо бо ариза ба суд муроҷиат намекунанд, ки дар натиҷа ҷинояти содиршуда ошкор ва оқибатҳои он бартараф нагардида мемонанд. Ин масъалаҳо бояд мутобиқ ба кафолатҳои конститусионии дастрасии адолати судӣ ва ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини воқеии кафолатҳои конститутсионии ҳифзи ҳуқуқҳои ҷабрдида ҳалли худро ёбанд.

Муносибати байниҳамдигарии шахсият бо давлат аз ҳаллу фасли одилонаи парвандаҳо аз ҷониби мақомоти тафтишот ва судӣ вобастагӣ дорад. Стандарти муҳокимаи одилонаи парвандаҳои ҷиноятиро маҳз қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ менамояд, ки бинобар рӯзафзун будани талаботи инсон бояд мунтазам такмил ёбад.

Дар ин замина бо таъмин намудани мурофиаи одилонаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ муҳаққиқ пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусиро зарур диниста, онро ҳамчун тарзи маъруфи ҳифзи ҳуқуқи инсон аз таҷовузҳои ҷинояткорона ва аз ғайриқонунӣ маҳдуд намудани ҳуқуқ ва таъқиби беасос оид ба парвандаи ҷиноятӣ дарку талқин меҳисобад.

Таҳлили ҳуқуқии мавзуи мазкур нишон медиҳанд, ки аз соли 2009 бо қабули Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон то имруз айбдоркунии хусусӣ ҳамчун намуди айбдоркунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ва дар боби алоҳида бо тартиби пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ муқаррар карда шудааст

Моҳияти айбдоркунии хусусӣ аз давраҳои сипаригардида то замони муосир ҳамчун тартиби махсуси пешбурд ва баррасии парвандаҳои ҷиноятҳои алоҳида дар суд бетағйир мондааст. Салоҳияти мақомоти ҳокимияти судӣ дар таъмини адолат дар асоси принсипу меъёрҳои демократии мурофиаи судӣ, аз ҷумла баробарии ҳама дар назди қонун ва суд, баробарҳуқуқии тарафҳо дар ҷараёни баҳсу мунозира ва ба тарзи ошкоро гузаронидани мурофиаи судӣ оид ба баррасии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ пайваста тақвият ёфтааст.

Таҳлили автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф масъалаҳои пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусиро дар доираи сохтори мантиқии илмӣ се боб ва ҳафт зербоб ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар он ҷанбаҳои муҳимми масъала, аз ҷумла таҳкурсии иҷтимоӣ–таърихии ташаккули айбдоркунии хусусӣ, асосҳои назариявӣ–ҳуқуқии пешбурди айбдоркунии ҳусусӣ ва ба масоили мубрами пешбурди айбдоркунии хусусӣ ба таври низомнок таҳқиқ гардидаанд.

Мазмуни диссертатсия гувоҳӣ медиҳад, ки диссертатсия ҳамчун таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои он метавонанд барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, такмили қонунгузории миллӣ дар самти ҳифзи амнияти давлатӣ ва ҳифзи асосҳои сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзанда гузоранд.

Таҳлили диссертатсия андешаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва мафҳумҳои пешниҳодшудаи муаллиф, инчунин баррасии муаммоҳои амалияи пешбурд ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли онҳо нишон медиҳанд, ки муҳаққиқ мавқеи мустақили илмии худро ташаккул дода, нуктаҳои

баёнгардидаро бо истифода аз доираи васеи манбаъҳои илмӣ ва таҷрибаи амалии ҳуқуқтатбиқкунӣ асоснок намудааст. Ин ҳама аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур дорои хусусияти мустақилона ва сатҳи баланди илмӣ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои назаррас ва арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионии муҳаққиқ, баъзе масъалаҳои баҳснок низ ба мушоҳида мерасанд, ки баррасии онҳо метавонанд ба такмили минбаъдаи мазмун ва сатҳи илмии кори пешниҳодшуда мусоидат намоянд, яъне дар қисмати таҳлили таърихии ташаккули институти айбдоркунии хусусӣ истифодаи таҷрибаи муқоисавии давлатҳои хориҷӣ маҳдуд ба назар мерасад, зеро омӯзиши моделҳои муосири мурофиавии кишварҳои дигар метавонад арзиши илмии таҳқиқотро бештар намояд. Аз ин рӯ, аз муаллиф пурсида мешавад, ки ин масъала зимни ҳимояи ошкоро шарҳ дода шавад.

Албатта, камбудиҳои дар боло зикршуда ба мазмун ва сифати кори илмӣ таъсири манфӣ намерасонад ва хусусияти тавсиявиро доро мебошад.

Омӯзиши матни пурраи автореферат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмии Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ пурра тибқи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд, зеро натиҷаҳои ба дастовардаи муҳаққиқ барои рушди илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат карда, боис мегардад, ки яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, яъне масъалаҳои пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ такмил ёбад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ» ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ
ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустамзода Ҷ.Ю.

Суроға: 734000 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Шестопавлова 13/, хонаи 7. Телефон: (+992) 939271010.
E-mail: sirochiddin.rustamov@mail.ru

Имзои Рустамзода Ҷ.Ю.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.М.
«18» 05 2026 с.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон: (+992) 2241718. E-mail: info@apa.tj